# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 - и**
**назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих Б.Т. Қобилова, доктори илмҳои таърих Л.Н. Додхудоева ва доктори илмҳои таърих А. Ҳусайнов бо таҳқиқоти диссертатсионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзӯи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои1991-2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Амроев Умедҷон Мамадхонович "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои1991-2021)", ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили омӯзиши таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол, аз ҷумла вазъи онҳо дар солҳои 90-уми асри XX ва рушду фаъолияти онҳо дар ибтидои асри XXI дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва адабиёти мавҷудаи дар тӯли солҳои 1991-2021 ба табърасида амалӣ гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Амроев Умедҷон Мамадхонович воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар Шуъбаи таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Ахмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши вазъу ҳолати театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даҳсолаи аввали даврони истиқлол ва рушди минбаъдаи онҳо дар марҳилаи имрӯза зарурат касб мекунад, чунки вилояти Хатлон яке аз вилоятҳои калон ва сернуфуси ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, рушди фарҳанги Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат аз сатҳи фарҳангии ин вилоят вобастагӣ дорад.

Аҳаммияти тадқиқи масъалаи ташаккул ва рушди театрҳои касбӣ дар давраи муосир бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои стратегии давлат, ки ҳамагӣ ба таҳкими давлати ягона ва ваҳдати миллӣ мусоидат менамоянд, хеле афзоиш ёфтааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯи мазкур барои таҳким бахшидани худшиносии миллӣ ва амиқ омӯхтани таъриху фарҳанги халқи тоҷик, ки яке аз самтҳои муҳимми таҳкими давлати соҳибистиқлол маҳсуб меёбад, мусоидат менамояд. Бо дарназардошти аҳаммияти театрҳои касбӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони муосир дар ҳар як давлати соҳибистиқлолу мутараққӣ баҳри ташкилу такомули онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Омӯзиши ҷараёни инкишофи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ – иқтисодии ҷумҳурӣ, таҷдиди назар намудани раванди таърихии онҳо дар замони шуравӣ ва алоқамандии он бо ҷомеа яке аз масъалаҳои ҳалталаби таърихнигории муосири Тоҷикистон мебошад. Пажӯҳиши мавзӯи мазкур, пеш аз ҳама, саҳифаҳои норавшани таърихи вилоятро бароямон равшан менамояд. Илова бар ин, мубрамияти мавзӯи тадқиқшаванда боз аз он ҷиҳат муайян карда мешавад, ки зимни пажӯҳиши мавзуъ проблема ва муаммоҳое, ки рушду такомули театрҳои касбии вилоятро бозмедоранд, ошкор мегарданд. Вақти он расидааст, ки таърихи рушди театрҳои касбии вилояти Хатлон мавриди таҳқиқоти хосаи илмӣ қарор дода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар омӯзиши маводи бойгониҳои ҷорӣ, коркарди илмӣ, таҳлили нави асарҳои зиёди

илмӣ, ки вобаста ба таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлолият рӯйи кор омадаанд, инчунин дар баррасии натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва таълифи мақолаҳои илмӣ зоҳир мегардад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертасиониро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркардаи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, мусоҳибаи муаллиф бо коршиносон, намояндагони барҷастаи соҳаи санъат ва фарҳанги вилоят ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон ва муайян намудани хусусиятҳои вазифавии онҳо дар солҳои истиқлолияти давлатӣ мебошад. Барои ноил гардидан ба ҳадафи ниҳоӣ унвонҷӯ вазифаҳое, чун таърихи пайдоиши театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони шуравӣ, таҳлили хусусият ва нақши театрҳои касбии вилояти Хатлон дар пешрафти сатҳи фарҳангии ҷамъият, баррасии вазъи театрҳои касбии вилоят дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва рушди минбаъдаи онҳо дар даврони истиқлол, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар баркароркунӣ ва инкишофи театрҳои касбии вилоят ва ғайраҳоро иҷро кардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал ба таври монографӣ фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, ба муайян намудани аҳамият ва нақши ин муассисаҳо дар ташаккули маънавиёти мардуми вилоят кӯшиш ба харҷ додааст. Илова бар ин, ба назари мо, мавриди таҳқиқоти маҷмуӣ қарор гирифтани таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Шуравӣ, муайян гардидани хусусиятҳои вазифавии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, муайян

кардани чараёни асосии пешрафти минбаъда ва рушди театрҳои касбии вилояти Хатлон дар аввали асри XXI, обективона арзёбӣ гардидани иштироки театрҳои касбии вилояти Хатлон дар Фестивал - озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва ғайраҳо навгониҳои илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки мазмун ва муҳтавои назариявии рисола, бахусус дастовардҳои фарҳангиро метавон ҳамчун натиҷаи асосии ҷараёни ислоҳоти иҷтимоӣ - фарҳангии ибтидои асри XXI минбаъд дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ истифода намуд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таълифи қисматҳои таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият, омода намудани китобу дастурҳои таълимӣ ва курсҳои махсус аз рӯи ихтисоси санъати театрӣ дар муассисаҳои таълимии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бо мақсади беҳтар намудан ва ба талаботи замони нав ба роҳ мондани фаъолияти театрҳои касбӣ, ҳангоми коркарди масоили мубрами театрҳо ва таҳия намудани сохтор ва самтҳои фаъолияти минбаъдаи ин муассисаҳо аз тарафи Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистон дар заминаи ташкил ва рушду такомули театрҳои касбӣ хеле муфиданд.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1.Рисолаи номзадии унвонҷӯ Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзӯи “Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

**А) Набизода Ваххоб Машраб** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

**Б) Таваров Муҳамадулло Султонович** – номзади илмҳои таърих, Сардори шуъбаи иттилоотии Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон – рӯзномаи "Ҷумҳурият".

3. **Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4.Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**5**.Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Қобилова Б.Т.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Додхудоева Л.Н.**
**доктори илмҳои таърих** **Ҳусайнов А.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

02.04.2024